ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

# К А Р О М А Т У Л Л О
# О Л И М О В

## (КИТОБНОМАИ ШАРҲИҲОЛӢ)

**М у р а т т и б о н:**
***Шариф Тошев, Насиба Содиқова***

**З е р и  н а з а р и  п р о ф е с с о р**
***Раҷабмад Амиров***

**ДУШАНБЕ**
**2004**

ББК 91.9.86
К-23

***Кароматулло Олимов*. Китобномаи шарҳиҳолӣ**
/Мураттибон Ш. Тошев, Н. Содикова; Зери назари Р. Амиров
— Душанбе: 2004. 72 с.

**© Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ**

*Аё, Тоҷикистони озоди ман,*
*Умеди дилу хотири шоди ман.*
*Чу фарзанди ту ҳозирам бар дифо,*
*Бар ҳифзи ту ҷонро намоям фидо!*

*К. Олимов*

# ПЕШГУФТОР

Китобномаи мазкур ба ифтихори 60 – солагии зодрӯзи файласуфи маъруфи тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Олимов таҳия шудааст.

Китобнома шомили мақолаи муқаддимавӣ, ду қисм ва кӯмакфеҳристҳо буда, осори илмӣ, илмӣ – методӣ, таълимӣ, бадеӣ, асарҳои таҳриркардаю тартибдодаи Кароматулло Олимов ва адабиёти ба ҳаёту фаъолияти ӯ доирро дар бар мегирад.

Мақолаи муқаддимавӣ роҷеъ ба паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти илмию эҷодӣ ва натиҷаи умдатарин таҳқиқотҳои Кароматулло Олимов маълумоти мушаххас медиҳад.

Китобнома маводи солҳои 1962–2004 интишорёфтаро фаро мегирад. Унвони асарҳо (бо истисноӣ забонҳои форсӣ, англисӣ, немисӣ) бо забони асл, тибқи стандарти маъмул тасвир шудааст. Мундариҷаи асарҳои бузургҳаҷм ба намоиш гузошта шудаанд. Асарҳое, ки тавассути сарлавҳаашон дарки мазмуни нашр душвор аст, бо тавсифҳои маълумотӣ таъмин гаштаанд.

Мавод дар қисмҳо ва зерқисмҳои китобнома тибқи замони чопи асарҳо ҷо ба ҷо гузошта шудаанд. Тақризҳо ба асарҳои Кароматулло Олимов зери ҳамон асарҳо ҷой дода шудаанд.

Барои рафъи душвориҳо дар поёни китобнома кӯмак-феҳристҳои алифбоии асарҳо, мавзӯъҳо ва ашхос пешниҳод шудаанд.

Китобнома дар асоси захираи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ ва Китобхонаи илмии марказии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи И. Гандӣ тартиб дода шудааст.

Нашри мазкур симои илмиву эҷодии Кароматулло Олимовро то андозае равшан намуда, ба муҳаққиқону мутахассисони соҳа кӯмак хоҳад кард.

## ТАВОЗӮЪ ҲАР КӢ ДОРАД САРФАРОЗ АСТ

Кароматулло Олимов аз чеҳраҳои гиромиву шинохта ва дар байни илму фарҳанги чумҳурӣ эътирофшуда мебошад. Эшон 27 июли соли 1944 дар деҳаи Боғикалони Истаравшани бостонӣ дар оилаи зиёӣ дида ба олам кушодааст. Қиблагоҳи Кароматулло Олимов дастпарвари мактабҳои маъруф ба «усули ҷадид» буда дар тӯли ҳаёти худ ҷиҳати пешгирӣ ва сари вакт табобат намудани мардум аз касалиҳои мудҳиши паҳнгашта ва сирояткунанда хидмати зиёде анҷом дода буд. Модари бузургвораш дар муҳити адабию фарҳангӣ парвариш ёфта, дастпарвари мактаби бедилхонӣ, ки дар он рӯзгор дар шаҳру вилоёти Осиёи Миёна, аз ҷумла Истаравшан васеъ паҳн гашта буд ба ҳисоб рафта, дар ҳақиқат соҳибзавқ ва дорои истеъдоди баланди дарку фаҳмиши шеъру мазомини бикр будаанд. Ва ин қобилияти баланди шеърфаҳмӣ ва илҳоми шоирона буд, ки аксари номаҳояшонро ба ҷигарбандашон дар айёми донишҷӯӣ ва аспирантӣ бо шеър ирсол мекарданд. Маъною мӯҳтавои он мактубҳо саршор аз панду насиҳати модарона буданд. Аз ҷумла дар яке аз номаҳои худ, ки дар замони таҳсили аспирантура ба ҷигарбанди хеш дар шакли ғазал навишта буданд, чунин мефармоянд:

*Фарзанди арҷманди фатонатбаланди ман,*
*Нахли умеди ҳарду ҷаҳонӣ, сухан бигӯ.*

Азбаски модар доимо дар интизори дидори фарзанди азизи хеш буданд, ҳамеша дар номаҳояшон ин маънӣ инъикос меёфт:

*Ҳумои толеъам, доим ба дидан орзу дорам,*
*Гуле аз гулшани васли ту чидан орзу дорам,*
*Маро сайёди ҳиҷрон гар диҳад озодиям рӯзе,*
*Парида дар макони ту расидан орзу дорам.*

Ё ки:

*Қуръатулайно, нигар қадри ту воло кардаам,*
*Васфи назматро ба гӯши қудсиён ҷо кардаам…*
*Аз фазилат қимати модар падар донистаӣ*
*Бо адибонат ҳазорон раҳмат иншо кардаам,*
*То туро омӯхт илму кард бо тавзеъ қарин*
*Ҳартараф васфи муаллимҳот ифшо кардаам.*

Воқеан, бояд зикр кард, ки бобои модарии Кароматулло Киромии Истаравшанӣ аз ашхоси соҳибнуфуз ва шоирони шинохтаи ин шаҳр буда, Зуфархони Ҷавҳарӣ, Суҳайли Ҷавҳаризода, Лутфӣ Обидхоҷа ва дигарон дар ҳамин хонадони донишдӯсту шеърпарвар ба камол расидаанд.

Баъди хатми мактаби миёна, соли 1959 Кароматулло Олимов ба Шӯъбаи форсии факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ба номи В .И.Ленин дохил шуда, соли 1964 онро бо дипломи аъло ба итмом расонид ва бо тавсияи кафедраи фалсафаи донишгоҳ ба шӯъбаи фалсафаи Академияи илмҳои ҶТ дар бахши таърихи фалсафа ба аспирантура қабул карда шуд. Дар аспирантура таҳти роҳбарии академик Аловаддин Баҳоваддинов дар мавзӯи «Ҷаҳонбинии Саноӣ» машғули нигориши рисолаи номзадӣ мешавад. Мутаасифона, чанде қабл аз ҳимояи диссертатсия

марги бемаҳал риштаи ҳаёти олими бузург Аловаддин Баҳоваддиноврo қатъ кард ва бо дастгирию кӯмаки сарвари ҳамонвақтаи Шӯъбаи фалсафа Ғ. А. Ашӯров, Кароматулло Олимов рисолаи худро сари вақт ва бо муваффақият ҳимоя мекунад(2)[1]. То соли 1973 вай ба ҳайси ходими калони илмӣ дар Шӯъбаи мазкур кор карда аз соли 1973 то соли 1978 ва баъдан солҳои 1979-1984 дар Ҷумҳурии Афғонистон ба амри Ватан хидмат намуда аз тарҷумони оддӣ то сартарҷумони гурӯҳи КМ ҲКИШ дар Бюрои сиёсии ҲДХА расид. Баъди бозгашт аз Афғонистон боз ба корҳои илмӣ машғул шуда соли 1994 рисолаи доктории худро дар мавзӯъи «Тасаввуфи Хуросон» дифоъ намуд (7). Аз соли 1986 то соли 1990 мудири сектори таърихи фалсафаи АИ ва баъди муддате вай ба корҳои ҳизбӣ тавсия карда мешавад ва чанд муддат то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ вазифаи мушовири Шӯъбаи тарғибу тарвиҷи Комитети Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистонро иҷро мекард. Аз соли 1992 то соли 2000 Кароматулло Олимов вазифаи мудири кафедраи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт.

Дар соли 2000-ум ӯ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб ва охири соли 2001 ба вазифаи Вазири фарҳанги ҶТ таъин мешавад. Дар ин вазифа ӯ то охири соли 2003 кор кард. Аз аввали соли 2004 то имрӯз ба ҳайси мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои вазифа мекунад.

Кароматулло Олимов ҳанӯз дар айёми донишҷӯӣ дар маҳфилҳои адабию фалсафии факулта ва донишгоҳ иштирок намуда узви фаъолтарини ин маҳфилҳо маҳсуб мешуд.

Вақте ки баҳори соли 1961 донишҷӯёни шаҳри Теҳрон барои беҳбудӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ даст

---

1. Ин ҷо ва минбаъд ракамҳои дохили қавс ба рақамҳои «Рӯйхати асарҳои К.Олимов ва адабиёти доир ба ӯ», ки дар китобнома ҷой гирифтаанд, ишора мекунанд.

ба тазоҳурот заданд, ба хотири ҳамраъйӣ ва пуштибонии ҷавонони теҳронӣ Кароматулло Олимов, донишҷӯи соли дуюми шӯъбаи мазкур шеъре иншо намуд, ки матлаи он бо ин мисраъ шурӯъ мешуд:

Ин қадар фарзанди Эрон хаставу ранҷур ту…

Мӯҳтавои ин шеър аз он шаҳодат медод, ки ҳанӯз аз ҳамон давраи ҷавонӣ Кароматулло Олимов ҳамчун як шахси адолатпеша ва башардӯст ба воя мерасад ва ҳамдарди ҳамзабонону ҳамфарҳангон мешавад.

Таҳқиқоти аввалин ва умдатарини Кароматулло Олимов «Ҷаҳонбинии Саноӣ» мебошад, ки натиҷаю ҷамъбасти рисолаи номзадии ӯ ба ҳисоб рафта, соли 1973 пешкаши хонандагон гардида буд (4). Дар муқаддимаи китоби хеш вай менависад, ки эҷодиёти бисёре аз мутафаккирони Шарқи Наздику Миёна, аз ҷумла Абулмаҷд Маҷдуд Ибни Одам Саноӣ дар кишвари мо хеле кам мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта буданд. Омӯзиши эҷодиёти Саноӣ на танҳо барои муайян кардани паҳлӯҳои гуногуни ҷаҳонбинии мутафаккир, балки ҷиҳати ҳарчи бештар равшан сохтани самту хусусиятҳои инкишофи афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-ахлоқии халқҳои тоҷику форс дар асрҳои XI-XII дорои аҳамияти калон буд. Зеро намоёнтарин шоирон ва мутафаккирони асрҳои баъдина ба монанди Хоқонӣ, Низомӣ, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Низорӣ ва бисёр дигарон то андозаи муайян таҳти таъсири ғоявии Саноӣ қарор гирифта буданд (4, с.3). Муаллиф бо далелҳои боварибахш дар ин рисола исбот намудааст, ки афкори фалсафии Саноӣ дар инкишофи озодандешии халқҳои форсизабон хидмати арзандае намудааст. Мутафаккир нақши ақлро дар ҷараёни маърифати инсонӣ хеле баланд бардошта, алорағми сӯфиёни ифротӣ меомӯхт, ки ақли инсонӣ қобилияти волои маърифатӣ дорад ва ин ҷиҳати таълимоти ӯ хусусияти ратсионалистӣ дорад. Ҳамчунин Саноӣ пояи асарҳои фал-

сафӣ-дидактикиро гузоштааст. Таъсири эҷодии Саноиро ба мутафаккирони баъдина дар назар дошта, ҳанӯз Ҷалолиддини Балхӣ навишта буд:

*Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,*
*Мо аз паси Саноию Аттор омадем.*

Дар китоби дигари худ «Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ» (5), муҳаққиқ хидмати мутафаккирро дар инкишофи тасаввуфу ирфон пеш аз ҳама дар танзим ва ба система даровардани усулҳои асосии ин таълимот медонад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ҷавҳари асосии ақоиди Абдуллоҳи Ансориро озодманишӣ, нисбат ба одамони оддӣ мушфиқу ғамхор будан, адолатпарварӣ, тарбияи фарзандону шогирдон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, меҳру садоқат, ростию рафоқат ва монанди инҳоро ташкил медиҳанд.

Соли 1994 асари дигари Кароматулло Олимов «Тасаввуфи Хуросон» (6) ба табъ расид, ки он ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихӣ-фалсафӣ таҳлилу баррасии хусусиёти тасаввуфи қарнҳои IX-XII-и Хуросон бахшида шудааст. Дар он аввалин маротиба дар илми таърихи фалсафаи тоҷик осор ва зиндагиномаи орифони машҳури садаҳои X-XI форсу тоҷик Мустамаллии Бухороӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаид ибни Абулхайр, Аббодӣ, Ҳаҷвирӣ ва ғайраҳо ҳамаҷониба мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқ дар асари хеш ҳангоми таҳлили манбаҳо ва ташаккули тасаввуфи Хуросон қабл аз ҳама рӯй ба таълифоти Калободӣ «Ат-таъаруф», Мустамалии Бухороӣ Шарҳи «Ат-таъаруф», Абдураҳмони Суламӣ «Табақоту сӯфия» ва «Маломатия», Абдулкарими Кушайри «Рисола», Ҷуллобии Ҳаҷвирӣ «Кашф-ул-маҳҷуб», Ибни Мунаввар-набераи Абӯсаиди Абулхайр, «Асрор-ут-тавҳид фи мақомоти Шайх Абӯсаид», Абдуллоҳи Ансорӣ «Табақоту-с-

сӯфия», «Манозилус-соирин», «Сад Майдон», Аббодӣ «Ат-тасфия фи аҳволил мутасаввифа» ва ғайраҳо, ки на танҳо барои қисми зиёди донишмандон, балки барои мутаххасисони сӯфия низ дастнорас ва ношинос будаанд, оварда, бо далелҳои равшани мантиқӣ ҷавҳари воқеъии ҳавзаи тасаввуфи Хуросонро нишон медиҳад. Вай масоили умдаи фалсафии таълимоти сӯфиёни Хуросон, аз он ҷумла масоили ҳастӣ, маърифат, иҷтимоӣ, ахлоқиро мувофиқи усул ва методологияи пешқадами илми муосири фалсафӣ ва инчунин арзишҳои умумибашарӣ тарҳрезӣ намуд. Хусусияти хуби ин асар аз он иборат аст, ки дар он на танҳо масъалаҳои назариявӣ, балки мушкилоти амалӣ дар таълимоти орифон инъикос ёфтааст. Аз он ҷумла категорияҳои асосии ирфон, аз қабили шариъат, тариқат, ҳақиқат, тавба, зӯҳд, фақр, сабр, таваккул, ризо, илмул-яқин, айнул-яқин, ҳаққул-яқин, мақоми шайху мурид, зикр, самоъ ва соири фазилатҳои ахлоқӣ хеле равшан ва фаҳмо таҳлилу баррасӣ шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки рисолаи мазкур аз ҷониби пажӯҳишгарон ва муҳаққиқони тасаввуф баҳои баланди илмӣ гирифта, имрӯз яке аз китобҳои нодиртарин маҳсуб мешавад. Яке аз донишмандони борикназар, марҳум Нозирҷон Арабзода дар тақризи худ ба китоби «Тасаввуфи Хуросон» навишта буд, ки туфайли фаъолияти докторҳои илми фалсафа К.Олимов ва А. Муҳаммадхоҷаев ва асарҳои онҳою шогирдонашон Институти фалсафаи АИ ҶТ чун маркази бонуфузи салоҳиятдори таҳқиқи таърих ва назарияи тасаввуф аз ҷониби донишмандони кишварҳои дигар эътироф шудааст (6).

Кароматулло Олимов дар муҳити илмии Академияи илмҳо, хосатан Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқ тарбия ёфта ва то имрӯз ба ҳайси сармуҳаққиқ ва узви Шӯрои илмӣ ва диссертатсионӣ робита ва кори судмандро анҷом медиҳад. Дар баробари корҳои илмӣ ба тарбияи мутахассисони ба-

ландихтисос низ машғул буда, баъзеи онҳо дар илм мақоми шоиста касб ва рисолаҳои номзадию доктории худро таҳти роҳбарии ӯ ҳимоя кардаанд. Мақолаву асарҳои файласуф Кароматулло Олимов дар Афғонистону Эрон, Амрико, Олмон, Полша низ ба табъ расидаанд. Ӯ бо маърӯзаҳои худ дар мавзӯъҳои актуалии таърихи фалсафа ва фарҳангшиносӣ дар симпозиуму конфронсҳои зиёди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок карда, барои шӯҳрати илми тоҷик саҳм гузоштааст. Аз ҷумла, бо хулосаҳои илмии хеш дар конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ бахшида ба 675 – солагии Камоли Хуҷандӣ (с.1996), 580 – солагии Баҳоваддини Нақшбанд (с.1996, Бухоро), 1100 – солагии давлати Сомониён «Сомониён ва эҳёи тамаддуни тоҷику форс» (с.1999), «Тамаддун, таърих ва фарҳанги Сомониён» (с.1999, Эрон), «М.С. Осимӣ ва рушди илму фарҳанг дар Осиёи Марказӣ» (с.2000), «Камолиддини Беҳзод ва масоили муҳими фарҳанги Осиёи Марказӣ» (с.2001) ва ғайраҳо суханронӣ намуда, масоили умдатарини илми фалсафаро мавриди баҳс қарор додааст. Дар канори пажӯҳишу таҳқиқ Кароматулло Олимов боз таваҷҷӯҳи зиёде ба тарҷумаи осори илмӣ зоҳир намудааст. Ӯ асарҳои безаволи Абӯалӣ ибни Сино «Азҳавия»-ро аз забони тоҷикӣ ба русӣ ва «Ишорот ва танбеҳот»-ро аз забони арабӣ ба тоҷикӣ баргардонидааст (179, 180). Зери назари ӯ чанде аз маҷмӯа, рисолаҳои илмӣ ва нашрҳои адабию маълумотдиҳанда (166-178) рӯи чопро диданд. Кароматулло Олимов ба асарҳои илмии «Пайдоиш ва ташаккули афкори фалсафӣ» (160); «Ҷанбаҳои фалсафии тасаввуф» (162); «Носири Хусрав» (163) ва осори дигар тақризҳо навишта, бештар ба масоили актуалию консептуалии нашрҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст.

Яке аз лаҳзаҳои хеле пурэҳсосро аз натиҷаи кори аввалини илмии олими оянда ҳамкурс ва дӯсти деринаи ӯ, яке аз нигорандагони сатрҳои мазкур Аҳмадҷони Муҳам-

мадхоҷа чунин ба ёд меорад: «Мо соли 1991 бо ҳамроҳии Кароматулло барои иштирок дар симпозиуми байналмилалии бузургдошти 100-солагии шарқшиноси машҳури рус Е.Э.Бертелс ба Маскав сафар намудем. Вақте, ки сухани навбатиро барандаи ҷаласа ба Кароматулло Олимов дод, зане ки дар паҳлӯи ман нишаста буд, аз ман суол кард, ки оё ин шахс ҳамон фориғутаҳсили шӯъбаи форсии Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон аст? Камина бо ишораи сар тасдиқ кардам. Он шахс дигар чизе напурсид. Ҳангоми танаффус назди мо омад ва баъд аз аҳволпурсӣ ва шиносоӣ Кароматуллоро ба оғӯш гирифта аз сару рӯяш мебӯсид ва ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Аз ин рафтори ӯ мо ҳайратзада суол кардем, ки ин хонум Кароматуллоро аз куҷо мешиносад. Замоне, ки он хонум худро муаррифӣ кард, ҳамагон фаҳмиданд, ки ин шахс яке аз шарқшиносони маъруфи рус Кляшторина Вера Борисовна будааст. Мувофиқи нақли ӯ ҳанӯз соли 1962 китоби муҳаққиқ бо номи «Шеъри муосири эронӣ» чоп шуда, аз ҷониби муҳаққиқон ва донишмандони ховаршиноси рус хуб пазируфта нашудааст ва роҳбари Шӯъбаи Пажуҳишгоҳ масъалаи аз кор рафтани ӯро гузошта будааст. Вале барои дастгирии ин асар ва мавқеъи В.Б. Кляшторина тақризи Кароматулло Олимов – донишҷӯи соли сеюми шӯъбаи форсӣ дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» нақши ҳалкунанда бозидааст (13). Зеро тамоми он нуқсонҳое, ки аз ҷониби муқарризон зери тозиёнаи танқид қарор гирифта буданд, тавассути Кароматулло Олимов бо бурҳону далелҳои қотеи илмӣ рад карда шуд. Ин тақриз, ки дар кишвари шеъри тоҷикӣ-форсӣ нашр шуда буд, эътибори В.Б.Кляшторинаро боло бурда, пеши роҳи ҳарифонашро гирифта буд.

Дар давраҳои душвори Тоҷикистон таҳти сарварии Президент Э.Ш.Раҳмонов фарзандони сулҳпарвари кишвар барои сулҳу ваҳдат муттаҳид шуданд. Тавре, ки маълум

аст, Кароматулло Олимов ба ҳайси узви Комиссияи оштии миллӣ дар қатори мубориزони роҳи ваҳдати миллӣ дар талоши таъмини сулҳу ҳусни тафоҳуми халқҳои кишварамон кӯшишу ғайрати зиёде ба харҷ дод. Дар пешгуфтори ба маҷмӯъаи «Баррасиҳо дар тасаввуф» (10) ин масъаларо дар назар дошта, навишта буд. «Сулҳу оштии миллӣ аз дастовардҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсию маънавии халқи тоҷик буда, моро аз бӯҳрони сиёсӣ ва низомӣ ба шоҳроҳи умеду орзуи ваҳдат ва ягонагии Тоҷикистон бояд бибарад» (10, с.3). Роҷеъ ба рисолати таърихии ҳар як равшанфикр ва муҳаққиқи илмӣ ӯ навиштааст: «Дар давраи истиқлолияти ҷумҳурии азизамон, ки ба шинохти воқеъии андешаҳои гузаштаи ниёгонамон шадидан ниёз эҳсос мегардад, ҳар муҳаққиқ вазифадор аст, ки мутобиқ ба дарку фаҳмиши хеш барои худогоҳии таърихии миллӣ саҳм гузорад» (10, с.3). Дар идомаи ин пешгуфтор дар хусуси таълимоти тасаввуф сухан ронда боз ба маънии ваҳдату ягонагӣ чунин ишора мекунад: «Мероси тасаввуфии мо як самти оличанобი фикрӣ дорад. Он ҳам бошад иборат аз озодандешӣ, хоксорию фурӯтанӣ, эҳтиром ба инсон, бузург доштани он ва даъват ба ваҳдати одамон аст. Дар замони мо махсусан барои миллати тоҷик, имрӯз андешаҳои пайвандгари пешиниён чун васиятест, ки дар назар гирифтани он қарзи фарзандии ҳар шахси солимфикр ва вафодор ба аҳдофи олии миллӣ ва инсонӣ мебошанд» (10, с.4). Асари Кароматулло Олимов «Баррасиҳо дар тасаввуф» ба масоили методологӣ ва назарияи таҳқиқи афкори ирфонӣ ва ахлоқии ниёгон бахшида шудааст. Бахусус таҳқиқотҳои олим, аз қабили «Ирфон ва тасаввуф дар замони Сомониён»; «Андешаҳои Калободӣ ва Мустамалӣ оид ба ҳастӣ»; «Андешаҳои Абусаиди Абулхайр»; «Нигоҳе ба «Рисола»-и Абдулкарими Қушайрӣ»; «Сухане чанд дар бораи ҷаҳонбинии Камоли Хуҷандӣ»; «Назаре ба «Рисолаи зикрия»-и Алии Ҳамадонӣ»; «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ

манбаи муҳими таърихи тасаввуф»; «Назаре ба фалсафаи иҷтимоии Зардуштия»; «Ҷилваи андешаҳои ирфонии Бедил»; «Саҳми Фирдавсӣ дар эҳёи тамаддуни тоҷик», ки ба ин китоб ворид шудаанд, аз ҷумлаи дастовардҳои тозаи илми фалсафаи тоҷик ҳисоб меёбанд.

Кароматулло Олимов дар баробари пажӯҳиши илмӣ ба шеър низ шуғл дорад. Тавре ишора рафт, вай дорои табъи равон буда, мавзӯъи асосии ашъори ӯро тавсифу ситоиши фазилатҳои неки инсонӣ – ахлоқи ҳамида ташкил медиҳанд. Беҳуда нест, ки манзумаи аввалини вай, ки дар рӯзномаи «Нидои ранҷбар» чоп шуда буд (187), номи «Гавҳораи адл»-ро дошт. Кароматулло Олимов ҳамчун шахси дорои хислатҳои сутудаи инсонӣ дар навиштаҳои хеш мардумро ба ҳамдигарфаҳмӣ, иззату эҳтироми байни ҳамдигарӣ даъват намуда, аз ифроту тафрити беҳуда дур буданро талқин мекунад. Ба ақидаи ӯ ҳосили таассуб ва бадбинию кинаю адоват ба ғайр аз тирагии хиради инсонӣ чизи дигаре бор намеорад!

*Таассуб душмани ақл асту дониш,*
*Аз он ёбанд аҳли илм коҳиш.*

Ӯ яке аз аввалинҳо шуда, шеъре ба силоҳдорон ба унвони «Бародарам, силоҳро гузор» навишт, ки чанд сол қабл мавзӯи доғи рӯз буд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки «Суруди садоқат»-и Кароматулло Олимов «Аё, Тоҷикистони озоди ман» (182) воқеъан ҳам суруди садоқати сарбозони ҷумҳуриямон гардидааст. Асоси ғоявии беш аз 20 асарҳои назмии ӯро тарғиби некию накӯкорӣ, ҳақиқату адолат, сулҳу ваҳдат, таълими илму адаб ва парвариши фазилатҳои беҳтарини инсонӣ: хирадмандию ҳимматбаландӣ, мардумнавозию башардустӣ ташкил медиҳанд (181-203).

Шоҳиди илҳоми баланди шоирона доштани Кароматулло Олимов таъкиди собиқ ройзани Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон устод Гармарӯдӣ мебошад, ки фармудааст:

«Дар рӯзи ифтитоҳи намоишгоҳи фарҳангии «Ёди ёр», рӯзи 22 сентябри соли 2002 дар маҳалли Филармонияи давлатии Тоҷикистон (собиқ Қасри иттифоқҳои касаба) инҷониб дар поёни суханони кӯтоҳи ифтитоҳия шеъри «Меҳрубонӣ»-и худро низ ба поси меҳрубониҳои мардуми тоҷик хондам. Аммо аз номеҳрубонии ҳавои зимистонӣ ва барфу борони Тоҷикистон гила кардам.

Ҳангоме, ки суханони ман ба поён расид, ҷаноби оқои доктор Кароматулло Олимзода – вазири фарҳанг, донишманди тоҷик барои як лаҳза пушти минбар баромаданд ва ба ҳамон вазн ва қофия ва радифи шеъри ман ин байтро бадеҳатан суруданд:

*Шиква аз абру ҳавои Тоҷикистон хуб нест,*
*Бар қудуми дӯстон гавҳарфишонӣ кардаанд.*

Ин посухи шоирона бисёр мақбули соҳибназарони ҳозир дар маҷлис қарор гирифт» (240).

Дар тӯли фаъолияти роҳбариаш ба ҳайси Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Олимов корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, дар таҳияю ба тасвиб расонидани як қатор қарору қонунҳои нав оид ба бунёду такмили фаъолияти муассисаҳои фарҳангиву ҳунарӣ, таъсиси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ва Омӯзишгоҳи хореографии ҷумҳурӣ, баргузории фестивал – озмунҳо ва чорабиниҳои муҳими фарҳангии байналмилалӣ ва умумиҷумҳуриявӣ саҳми муносиб гузоштааст.

Ҳамаи ин фазилатҳои неки инсонӣ ва ғайрату кӯшиши беолоиш буданд, ки Кароматулло Олимовро ба дараҷаи

доктори илмҳои фалсафа, Арбоби илму техника ва ҳамчун ходими сиёсӣ, аъзои ҳукумат ва мушовири давлатии Президенти ҷумҳурӣ ва Раиси комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО расонидаанд.

Саъю кӯшиши ӯ дар ЮНЕСКО ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати Президенти кишвар дар ин соҳаи муҳими байналмилалӣ низ маълум аст. Ба феҳристи ҷашнҳои ЮНЕСКО дохил шудани 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ, мероси ҷаҳонии мусиқӣ эътироф шудани «Шашмақом», иштироки ЮНЕСКО дар ҷашни 1000 солагии Носири Хусрав, 3000 солагии тамаддуни зардуштӣ ва ғайра аз дастовардҳои фараҳбахши давраи истиқлолияти Тоҷикистон аст, ки дар он саҳми олими тоҷик назаррас мебошад. Устуворона пайгирӣ намудан ва бедареғ кӯшидан барои таблиғ ва пешбурди дастурҳои Президенти ҷумҳурӣ Э.Ш.Раҳмонов ба манзури ободию осудагии халқ ва боло рафтани ифтихори миллӣ самти асосии фаъолияти сиёсии Кароматулло Олимовро ташкил медиҳад.

Осори гаронбаҳои олими бозаковат, ки саршор аз нукоти омӯ занда аст, бешубҳа, баҳри боло бурдани сатҳи донишу фарҳанги мардум кӯмак расонида, дар пажӯҳишу таҳқиқи масоили мубрами соҳаи фалсафа ва риштаҳои дигари илм ҳамчун чароғи ҳидоят мусоидат хоҳад кард.

***Аҳмадҷон МУҲАММАДХОҶАЕВ,***
***узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор***

***Шариф ТОШЕВ,***
***номзади илмҳои педагогӣ, дотсент***

## САНАҲОИ МУҲИМИ ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ КАРОМАТУЛЛО ОЛИМОВ

***Ароматулло Олимов*** 27 июли соли 1944 дар деҳаи Боғикалони Истаравшани вилояти Суғд таваллуд шудааст.

| | |
|---|---|
| 1959-1964 | Донишҷӯи шӯъбаи форсии факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДДМТ). |
| 1964-1965 | Аспиранти шӯъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АИ ҶТ). |
| 1965-1967 | Омӯзгори мактаби миёнаи № 19-и шаҳри Истаравшан. |
| 1967-1969 | Аспиранти шӯъбаи фалсафаи АИ ҶТ. |
| 1969-1971 | Ходими хурди шӯъбаи фалсафаи АИ ҶТ. |
| 1971-1974 | Ходими калони шӯъбаи фалсафаи АИ ҶТ. |
| 1970 | Дифои рисолаи номзадӣ доир ба мавзӯи «Андешаҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ-ахлоқии Саноӣ». Номзади илми фалсафа. |
| 1974-1977 | Ба ҳайси сартарҷумон дар шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон ифои вазифа намудааст. |
| 1977-1980 | Ходими калони илмии шӯъбаи фалсафаи АИ ҶТ. |

1980-1984 Ба ҳайси сартарҷумони гурӯҳи мушовирони КМ ҲКИШ дар Афғонистон ифои вазифа намудааст.

1982 Бо ордени «Нишони фахрӣ» мукофотонида мешавад.

1984-1985 Ходими калони илмии шӯъбаи фалсафаи АИ ҶТ.

1985-1986 Ходими пешбари илмии шӯъбаи фалсафаи АИ ҶТ.

1986-1991 Мудири сектори таърихи фалсафаи Институти фалсафаи АИ ҶТ.

1992 Сафари хидматӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон.

1992-2001 Мудири кафедраи фалсафаи Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ.

1994 Дифои рисолаи докторӣ доир ба мавзӯи «Тасаввуфи Хуросон». Доктори илми фалсафа.

1996 Вакили Шӯрои вакилони халқи шаҳри Душанбе

1997-2000 Узви Комиссияи оштии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1997 Сафари расмӣ ба Австрия.

1998 Сафари хидматӣ ба Амрико.

1998 Сафари хидматӣ ба Япония.

1999 Сафари хидматӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон.

1999 Ба унвони фахрии «Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз мегардад.

04.2000-10.2001 Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

| | |
|---|---|
| 10.2001-01.2004 | Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 10.2001-01.2004 | Раиси ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 2001* | Раиси комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Тоҷикистон. |
| 2001 | Сафари хидматӣ ба Амрико. |
| 2001 | Барои иштироки фаъолонааш дар таблиғи андешаҳои сулҳу сулҳофарӣ, таълифи асарҳои зиддитаасубӣ ва ташвиқи осори гузаштагон бо Гувоҳномаи «Узви ҳаракати сулҳи ҷаҳонӣ»- и Созмони байналмилалии байнидинӣ ва байнифарҳангӣ (Нюйорк) сарфароз гардидааст. |
| 2001 | Сафари хидматӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон. |
| 2001 | Сафари хидматӣ ба давлати Қатар. |
| 2002 | Сафари хидматӣ ба Амрико. |
| 2002 | Сафари расмӣ ба Фаронса. |
| 2002 | Сафари расмӣ ба Хитой. |
| 2002 | Сафари хидматӣ ба Туркия. |
| 2002 | Академики Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ. |
| 2003 | Сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон. |
| 2003 | Сафари расмӣ ба Фаронса. |
| 2003 | Сафари расмӣ ба Ҳиндустон. |
| 2004* | Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа. |

* то имрӯз

# 1. АСАРҲО

## 1.1. Асарҳои илмӣ, илмӣ- методӣ, таълимӣ, бадеӣ
### 1.1.1. Нашри ҷудогона
### 1968

1. Луғати англисӣ- тоҷикӣ: Барои хониши адабиёти илмӣ. - Душанбе: Дониш, 1968. – 153 с. (Бо ҳамкории М.Б. Шаҳобова).

### 1970

2. Философские и социально-этические взгляды Санои: Автореф… дис.канд.философ.наук. – Душанбе, 1970. – 26 с.

3. Философские и социально-этические взгляды Санои: Дис. … канд. философ.наук. – Душанбе, 1970. – 245 с.

### 1973

4. Мировозрение Санои / Отв.ред.Г.А.Ашуров – Душанбе: Дониш, 1973. – 137 с.

*Содержание: Введение. – С.3-10;* ***Гл.1. Характеристика социальной и культурной жизни эпохи Санои. Его жизнь и деятельность.*** *1. К характеристике политической и культурной жизни Х1-Х11 вв — С.11-15; 2. Идейные предшественники Санои. – С.15-22; 3. Жизнь и творчество Санои. – С.22-31;* ***Гл.2. Философские взгляды Санои.*** *1.Отношение Санои к суфизму. – С.32-48; 2.Онтология. – С.48-74; 3. Гносеология. – С.74-85;* ***Гл.3. Социально-этические воззрения Санои.*** *1. Общественно-политические взгля-*

*ды Санои. — С.86-107; 2. Этические взгляды Санои. – С.108-129; Заключение — С. 130-135.*

**Тақриз:** Султонов М. Ценное исследование // Комсомолец Таджикистана. – 1973. – 14 ноября; Мирбабаев М. По лабиринту философского наследия // Памир. – 1974. - № 6. – С. 90 – 91; Султонов М. Тадқиқоти арзандаи фалсафӣ // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1974. – 19 феврал; Султонов М. Таҳқиқи ҷаҳонбинии Саноӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1974. – 14 апрел; Ҳазратқулов М. Афкори фалсафаи Саноӣ // Садои Шарқ. – 1974. - № 5. – С. 150 – 152.

## 1988

5. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ / Муҳаррири масъул М.Диноршоев. — Душанбе: Дониш, 1988. – 135 с.

*Мундариҷа: Пешгуфтор. С.3-4; Маълумоти умумӣ дар бораи тасаввуфи Хуросон. – С. 5-22; Дар бораи зиндагӣ ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ. – С.23-39; Ансорӣ – муаррихи тасаввуф.-С. 40-50; Тасаввуф аз дидгоҳи Ансорӣ. – С.51-57; Мақоми тасаввуфӣ дар системаи маърифати Абдуллоҳи Ансорӣ. – С. 58-89; Андешаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии Абдуллоҳи Ансорӣ. – С.90-117; Хулоса. – С.118-120; Иловаҳо. – С.121-127; Феҳристи адабиёт. – С.127-132.*

**Тақриз:** Муродова Т., Муҳаммадхоҷаев А. Ҷаҳони Абдуллоҳи Ансорӣ // Газетаи муаллимон. – 1988. – 22 ноябр.

## 1994

6. Хорасанский суфизм / Отв.ред. М.Диноршоев – Душанбе, 1994. – 292 с.

*Содержание: Введение. – С.2-5; Гл.1. Истоки и становление Хорасанского суфизма. 1. Социокультурные предпосылки возникновения и развития хорасанского суфизма. – С.5-14; 2. Идейные истоки хорасанского суфизма. – С.14-37; 3. Основные источники по хорасанскому суфизму X-X11 вв.- С.37-54; 4. Главные представители хорасанского суфизма X-X11вв. — С.54-80; Гл. 2. Философская проблематика в учении хорасанских суфиев X-X11 вв.. 1. Постановка проблемы. – С.80-85; 2. Проблем бытия в философском учении. – С.85-119; 3. Класификация наук и проблемы мистического познания. – С.119-126; Вопросы познания. – С.126-155; Гл. 3. Учение о мистической практике. 1. Основные кате- гории мистической практики. - С.155-186; 2. Шейх и мурид: духовное руководство. – С.186-195; 3. Зикр. – С.195-200; 4. Сама. – С.200-217; Гл. 4. Социально-этического учение хорасанских суфиев X-X11 вв.;1. Философские основания социально – этической доктрины харасанского суфизма. – С.217-221; 2. Социальные политические идеи в хорасанском суфизме X-X11 вв. – С.221-233; 3. Этическая концепсия хорасанского суфизма. – С. 233-259; Заключение. – С.260-265; Библиография. – С.266-291 (385 названий).*

**Тақриз:** Арабзода Н. Сухани тоза аз мавзӯи кӯҳан // Садои мардум. — 1994. - 27 ноябр.

7. Харасанский суфизм: Опыт историко – философского исследования: Автореф. дис. … доктор философ. наук. – Ташкент, 1994. – 42с.

8. Харасанский суфизм: Опыт историко – философского исследования: Дис. …. доктор философ.наук. – Ташкент, 1994. – 320 с.

## 1995

9. Бисёрҳизбӣ ва ҷомиъаи демократӣ / Муҳаррир Р. Раҳмонфар. Душанбе: Ориёно 1995. – 24 с.

## 1999

10. Баррасиҳо дар тасаввуф. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 140 с.

*Мундариҷа: Пешгуфтор. – С3-4; Ирфон ва тасаввуф дар замони Сомониён. – С.5-12; Андешаҳои Калободӣ ва Мустамалӣ оид ба ҳастӣ.- С.12 – 25; Андешаҳои ирфонии Абӯсаиди Абулхайр. – С25-38; Нигоҳе ба «Рисола»-и Абдулкарими Қушайрӣ. – С.38-51; Дар бораи аҳамияти китоби Қутбиддин Аббодӣ «Ат – тасфия фи - аҳвол ил мутасаввифа» - С.52-60; Ҳаким Саноӣ. – С.60-65; Мулоҳизаҳо дар бораи маломатия. – С.65-73; Сухане чанд дар бораи ҷаҳонбинии Камоли Хуҷандӣ. – С.73-80; Назаре ба «Рисолаи Зикрия»-и Алии Ҳамадонӣ. – С.80-85; «Нафаҳот - ул - унс»-и Ҷомӣ - манбаи муҳими таърихи тасаввуф. – С.85-92; Назаре ба фалсафаи иҷтимоии Зардуштия. - С.92- 97; Ҷилваи андешаҳои ирфонии Бедил. – С.97-108; Рози инсон дар фалсафаи Бедил. – С.108-122; Бонувони ориф. – С.122-126; Саҳми Фирдавсӣ дар*

*эҳёи тамаддуни тоҷик. – С.126-132; Поварақаҳои мақолаҳо. – С.133- 139.*

10 а. Дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Точикистон дар соли 2001 ва самтҳои минбаъдаи кори он дар соли 2002. – Душанбе, 2002. – 119с.

## 1.1.2. Мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва маҷмӯаҳои илмӣ
## 1962

11. Баҳриддин Азизӣ // Тоҷикистони Советӣ. - 1962. – феврал. (Бо ҳамкории У.Обидов).

12. Ленин ва Эрон // Сборник науч.работ конф.студентов Средней Азии и Казахстан. – Душанбе: Дониш, 1962.

13.Тадқиқи тоза роҷеъ ба адабиёти Эрон // Маориф ва маданият. – 1962. – июн. (Бо ҳамкории М. Шукуров).

## 1969

14. И.А.Крылов ҳақиқатнигори бузург // Тоҷикистони Советӣ. – 1969. - 13 феврал.

15. Танқиди ҷамъияти феодалӣ дар асарҳои Саноӣ // Материали 11 республиканской научной конференции молодых ученых ТаджССР. - Душанбе: Дониш, 1969. – С.18-20.

16. Ҳаким Саноии Ғазнавӣ // Ҳақиқати Узбекистон. – 1969. – феврал (Бо ҳамкории Р.Маҷидов).

17. Ҷаҳонбинии Саноӣ // Садои шарқ. – 1969. - №12. – С. 129- 136.

## 1970

18. В.И.Ленин дар бораи ахлоқи коммунистӣ // Комунисти Тоҷикистон. – 1970. - №9. – С.43-47.

19. Саҳми арзанда дар илми фалсафаи тоҷик // Тоҷикистони Советӣ. –1970. – 11 январ. (Бо ҳамакории М. Диноршоев, У.Султонов).

20. Тӯси ва муҳаққиқи ӯ: Таърихи фалсафа ва таълимоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ // Маориф ва маданият. – 1970. – 26 декабр.

21. Ҳаким Саноӣ: Классикони адабиёти тоҷик // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1970. – 15 сентябр.

22. Ҳаким Саноии Ғазнавӣ: Мероси адабии Саноӣ // Мактаби советӣ. 1970. - №11. – С.28-32.

## 1971

23. Марди заковатманд: Бахшида ба 60-солагии зодрӯзи А.М.Баҳоваддинов // Тоҷикистони советӣ. – 1971. – 4 декабр. (Бо ҳамкории Ғ.Ашуров).

## 1972

24. Абӯнасри Фаробӣ: Бахшида ба ҷашни 1100 – солагии олим // Маориф ва маданият. – 1972. – 16 ноябр. (Бо ҳамкории У.Султонов).

25. Абӯрайҳони Берунӣ // Маориф ва маданият. – 1972. – 26 октябр. (Бо ҳамкории У.Султонов). Ба ифтихори ҳазорумин солгарди зодрӯзи Берунӣ

## 1973

26. Арастуи сонӣ: Бахшида ба ҷашни 1100- солагии рӯзи таваллуди Абӯ наср Фаробӣ // Садои Шарқ. – 1973. - № 10. – С.130 – 136.

## 1978

27. Антропоморфизм // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1978. – Ҷ.1. – С. 204- 205.

28. Антропософия // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1978. - Ҷ.1. – С.205.

29. Ваҳдати вуҷуд // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1978. – Ҷ.1. – С.597-598.

30. Ваҳдати мавҷуд // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1978. – Ҷ.1. – С.598.

31. Ваҳдати шуҳуд // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1978. – Ҷ.1. – С.598.

32. Олим ва мураббӣ // Маориф ва маданият. – 1978. – 7 март (Бо ҳамкории Ғ.Ашуров, М.Диноршоев, А. Мухаммадхоҷаев).

*Роҷеъ ба фаъолияти илмию омӯзгории Мӯсо Раҷабов.*

## 1979

33. Ибн Сина и суфизм // Известия Ан ТаджССР: Серия: философия, экономика, правоведения. – 1979. - №2. – С.59-66.

## 1980

34. Омӯзиши мероси Ибни Сино дар Тоҷикистон // 1000-солагии Ибни Сино. – Кобул, 1980. – Бо ҳуруфи форсӣ.

35. Пири Ҳирот: таҳқиқ дар шарҳи ҳол ва осор // Иҷтимои улум. – Кобул . – 1361г.х. – Шумораи чаҳорум. – С.1. – 31. – Бо ҳуруфи форсӣ (Бо ҳамкории А.Вафоӣ).

## 1984

36. Мӯътазилия // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1984. – Ҷ.5. – С.25-26.

37. Навафлотуния // Энциклопедияи тоҷик. – Душанбе, 1984. – Ҷ.5. – С.32-33.

## 1986

38. Ғаввоси баҳри илм // Тоҷикистони советӣ. – 1986. – 5 декабр. (Бо ҳамкории Ғ.Ашуров).

*Роҷеъ ба фаъолияти илмию эҷодии А.М. Баҳоваддинов.*

39. Масоили ахлоқӣ аз нигоҳи Пири Ҳирот // Иҷтимои улум. – Кобул. – 1364 г.х. – шумораи сеюм ва чорум. – С.106-124. – Бо ҳуруфи форсӣ (Бо ҳамкории А.Вафоӣ).

40. Саноӣ // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1986. – Ҷ.6. – С.572-573.

41. Суфизм в историко-философском процессе средневекового мусульманского Востока //Марксистская теория

ист.философ.процесса и современ.идеол.борьба: Тезисы всесоюз.конф. – М., 1986.

## 1987

42. А.Богоутдинов – выдающийся исследователь истории общественной мысли таджикского народа // Известия АН Тадж ССР. Серия: философия, история, прововедения. – 1987. - №1. – С. 24- 31. (Бо ҳамкории Ғ.Ашуров, М. Диноршоев).

43. Табақот-ус-сӯфия // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1987. – Ҷ.7. – С.219. 1988

44. Ақлнома // Энциклопедияи адабиёт ва санъат. – Душанбе, 1988. – Ҷ.1. – С.211-212. (Бо ҳамкории Х. Шарифов).

45. Дар ҷодаи фарҳанг // Газетаи муаллимон. – 1988. – 8 март.

*Роҷеъ ба фаъолияти илмию омӯзгории профессор М. Шаҳобова.*

46. Ишқнома // Энциклопедияи адабиёт ва санъат. – Душанбе, 1988. – Ҷ.1. – С.533.

47. Место Ансори в истории общественной мысли таджикского народа // История и культура Куляба: Прошлое и настоящее. – Душанбе, 1988.

48. Методика преподования философии. – Душанбе: ТГПИ, 1988. (Бо ҳамкории М.Комилов, Н.Сайфуллоев).

49. Номгузорӣ василаи муҳими тарбия // Тоҷикистони советӣ.- 1988. – октябр.

## 1989

50. История философии и современность: IV региональные философские чтения // Известия АН Тадж ССР. Серия: философии, экономики, правоведения. – 1989. - №2. – С.72-73. (Бо ҳамкории Т.Муродова).

51. К характеристике маломатизма // Известия АН Тадж ССР. Серия: философия, экономика, правоведение. – 1989. - №1. – С.53-58.

52. Корномаи Балх // Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1989. – Ҷ.2. – С.63-64. (Бо ҳамкории С.Сиддиқов).

53. «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ манбаи муҳими тасаввуф // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон: Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология. – 1989. - №3.

## 1990

54. Марди хирадманд ва устоди дилсӯз: Лаҳзае аз фаъолияти илмию эҷодии файласуф М.С.Осимӣ // Тоҷикистони советӣ. – 1990. – 21 август.

## 1991

55. К характеристике труда Кутбуддина Аббоди «Суфи-наме» // Известия АН Республики Таджикистан. Серия: философия, экономика, правоведение. – 1991. - №4. – С.59-65.

56. Назаре ба фалсафаи иҷтимоии Зардушт // Садои мардум. – 1991. – 10 апрел.

57. Номбардори илми тоҷик // Ҷумҳурият. – 1991. – 24 декабр.

58. Ту ҳам гавҳар, ту ҳам дарё… // Садои мардум. – 1991. (Бо ҳамкории Р.Додихудоев, Х.Сайфуллоев, Н.Ҳамроалиев, А.Муҳаммадхоҷаев).

*Роҷеъ ба фаъолияти илмию омӯзгории М.Шаҳобова*

## 1992

59. Насими меҳр: Мухтасаре аз хотироти сафари Эрон // Ҷумҳурият. – 1992. – 7 март.

60. Этическая концепция хорасанского суфизма // Вклад иранских народов в развитие мировой цивилизации: Тезисы докладов. – Душанбе, 1992. – Матн бо забонҳои форсӣ, русӣ, англисӣ.

## 1993

61. Занони ориф // Фирӯза. – 1993. - №5.

62. Муқаддима // Ҳаким Саноӣ: Осори мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 1993. – Ҷ.1. – С.5 – 15.

63. Шарҳи тааруф манбаи муҳими омӯзиши таърихи тасаввуф // Ахбори АФ ҶТ: Серияи философия, ҳуқуқшиносӣ. – 1993. - №3.

64. Андешаҳои Ирфони Абусаиди Абулхайр: Файласуфи машриқзамин // Ахбори АФ Ҷумҳурии Тоҷикистон: Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. – 1993. - №1-2. – С.51-60.

65. Блестки мистических идей Бедиля: Краткая характеристика философской поэмы «Муҳити аъзам», «Великий

океан» // Известия отдел общественных наук АН РТ: Серия: востоковедение, история, филология. – 1993. - №1-2. – С.15.

66. Зинда хоҳӣ монд андар ёдҳо: Дар сугвории Абдулҳаким Шукуров // Нидои ранҷбар. - 1993. – 30-6 май.

67. Ҷилваи андешаҳои ирфонии Бедил: Чанд сухан дар бораи маснавии «Муҳити аъзам» // Ахбори шӯъбаи илмҳои ҷамъиятии АИ ҶТ: Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология. – 1993. - №1-2. – С.7-15.

## 1994

68. Идеология и нравственность // Голос Таджикистана. – 1994. – июл.

69. Олими пухтакор ва мурабии пуркор // Нидои ранҷбар. – 1994. – 16-22 декабр. (Бо ҳамкории А.Муҳаммадхоҷаев).

*Роҷеъ ба фаъолияти илмию эҷодии академик Мӯсо Диноршоев.*

70.Сиёсат ва ахлоқ // Аз таърихи ҲК Тоҷикистон. – Душанбе, 1994.

71. Фирдавси и таджикское возрождение // Шахнаме Фирдавси : 1000 лет спустя. – Душанбе, 1994. – Матн бо забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ ва англиси.

72. Ҷашни муборак // Нидои ранҷбар. – 1994. – 11-17 ноябр.

*Роҷеъ ба фаъолияти илмию омӯзгории адабиётшинос Соҳиб Табаров.*

## 1995

73. Олими омил ва инсони комил // Садои мардум. – 1995. – 6 сентябр (Бо ҳамкории Саидмуродов Х., Муҳаммадхоҷаев А.).

*Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти М.Осимӣ.*

74.Олим, мураббӣ ва ходими сиёсӣ // Нидои ранҷбар. – 1995. – январ (Бо ҳамкории А.Муҳаммадхоҷаев).

75. Рози инсон дар фалсафаи Бедил // Ахбори АИ ҶТ: Серияи фалсафа ва ҳуқуқ. 1995. - № 2. – 3 – 13.

76. Ученый педагог // Дарё. – 1995. - №1-2. – С.22-23 с. (Бо ҳамкории А.Муҳаммадхоҷаев).

*Роҷеъ ба фаъолияти илмӣ ва омӯзгории М. Диноршоев.*

77. Ученый, педагог, политический деятель // Голос Таджикистана. – 1995. – 4-10 января (Бо ҳамкории А. Муҳаммадходжаев).

*Роҷеъ ба фаъолияти илмию эҷодии академик М. Диноршоев*

78.Фалсафаи иҷтимоии Зардуштия // Садои мардум. – 1995. – 7 март.

79. Як рукни устувори маданияти тоҷик // Садои мардум. 1995. – 6 сентябр.

## 1996

80. Андешаҳои ирфонии Камоли Хуҷандӣ // Маърифат. – 1996. - № 2-4.

81. Ёде аз Умарбек Султонов // Омӯзгор. – 1996. – 28 декабр (Бо ҳамкории А.Муҳаммадхоҷаев).

82. Инсони нексиришт // Нидои ранҷбар. – 1996. – 8-14 июн. (Бо ҳамкории М.Ҳазратқулов).

*Роҷеъ ба фаъолияти илмӣ ва омӯзгории файласуф Маҳкам Аслонов.*

83. Истиқлолият-неъмати бебаҳо // Нидои ранҷбар. – 1996. – 11-18 сентябр.

84. Мировозрение Камола Худжанди // Камол Худжанди: Эпоха и его значение в истории цивилизации Цетральной Азии. – Душанбе, 1996. – На англ.яз.

85. Мулоҳизаҳо оид ба Ленинизм // Нидои ранҷбар. – 1996. – 20-27 апрел.

86. Мулоҳизаҳо оид ба Ленинизм // Нидои ранҷбар. – 1996. – 4-11 май.

87. Мулоҳизаҳо оид ба Ленинизм // Нидои ранҷбар. – 1996. – 8-14 июн.

